Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи (734067, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Амонова Дилором Абдувахидовна дар мавзуи «Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

Ҷараёнҳои гуногуни иқтисоди ва иҷтимоие, ки дар давраи баъдибуҳронӣ бавуҷуд меоянд, шартҳои нави ташкил ва амалинамоии низоми идоракунии молияро тақозо менамоянд. Аз ин лиҳоз муҳиммияти хосро ҷустуҷӯи самтҳои нави мукаммалгардонии низоми идоракунии молияи давлатӣ дар умум, ва вазифаҳои ҷудогонаи онро дар алоҳидагӣ касб менамоянд. Маълум аст, ки иқтисоди бозорӣ бе низоми молиявии хуб ташкилшуда ва бозори молиявии танзимшаванда бомуваффақият ва устувор рушд карда наметавонад. Низоми молиявӣ ва бозори молиявӣ дар заминаи иқтисоди бозорӣ, ки бавуҷудорандаи неъматҳои моддӣ ва маънавӣ мебошанд, амал менамоянд. Онҳо дар айни замон шарти фаъолияти худи иқтисоди бозориро муайян менамоянд. Бинобар ин дар иқтисоди бозори идоракунии молиявӣ аҳамияти ниҳоят муҳимро мебозад. Ҳамзамон бояд, қайд кард, ки идоракунии молияи давлатӣ яке аз самтҳои муҳимтариниислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар соҳаи иқтисодиёт буда, дар марҳилаи муосири рушд, ки фарогири буҳронҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ аст, аз ҷумлаи масоили мубрами ҳалталаб ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин дар иқтисодиёти дилхоҳ давлат идоракунии молияи давлатӣ накши хеле назарасро бозида, рушди иқтисодиёти миллиро муайян месозад. Аз ин лиҳоз, зарурати баландбардории самаранокии идоракунии молияи давлатӣ бо ислоҳоти сохтории иқтисодиёти мамлакат, ки ислоҳоти механизмҳои амалинамоии бахши ҷамъиятиро тибқи принсипҳои ҷомеаи пасоиндустриалӣ, ки шарти калидии таъмини амнияти иқтисоди миллӣ, рушди устувор ва баландбардории сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, алоқамандӣ дорад.

Дар таҳқиқоти анҷомдодашуда муаллиф масъалагузориро дуруст ба роҳ мондааст махсусан дар масоили гузариш ба буҷетикунонии барномавӣ, истифодаи технологияи рақамӣ дар ин самт, такмили муносибатҳои байнибуҷетӣ ва маъмурикунонии андозҳо, самаранокии сармоягузориҳои давлатӣ ва амсоли инҳо.

Дар баробари бартариятҳо ва дастовардҳои назаррас дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Аз автореферат маълум гардид, ки муаллиф аз барномаҳои ҳукуматӣ, стратегияҳо кам истифода намудаст. Хуб мешуд, ки чунин барномаҳо ва стратегияҳоро муаллиф васеътар истифода менамуд.

2. Дар автореферати диссертатсия хатогиҳои грамматикӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки онҳо низ бояд ислоҳ карда шаванд.

Эродҳои мазкур хислати тавсиявӣ дошта, ҳаргиз арзиши баланди илмии корро кам намекунад.

Сохтори автореферат ва интишороти довталаб пурра ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд. Мазмуни автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муалифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои илмии мавзӯи интихобшуда, нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Амонова Дилором Абдувахидовна дар мавзӯи «Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ҳамаи талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D05090 1- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси нишондодашуда сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Х. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Абдуҳалимзода Н.А.